**Фарҳанги китобдорӣ**

Сатҳи фарҳангии ҳар як миллат, аз ҷумла тоҷикон, ба вазъи фаъолияти китобхонаҳо ва дигар марказҳои фарҳангӣ ва илмии ҷумҳуриявӣ алоқамандии калон дорад. Дар ин самт вазифаи муассисаи давлатии Китобхонаи миллӣ хамчун маркази илмӣ ва методӣ барои барномасозӣ ва дастурдиҳии ҳама китобхонаҳои кишвар  хеле бузург ва назаррас мебошад.

Ташаккули дурусти  фарҳанги китобдорӣ  ва омӯзиши асосҳои донишҳои китобдориро мо бояд аз давраи толибилмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оғоз намоем. Барои шинос намудани хонандагон ба тарзи дурусти интихоби адабиёт аз махзанхои китобхона, сари вақт дарёфти китоби лозима ва омӯхтану  шиносоӣ аз манбаъҳои  феҳристу картотека, дастурҳои тавсиявию роҳнамоҳо ва дигар васоити тарғиботӣ шароит муҳайё намуда, ба шаклгирии рушди зеҳнии хонандагон мусоидат намоем. Доир намудани чунин машғулиятҳои амалӣ ва омӯзишӣ ба хонанда имкон  медиҳад, ки  ба қоидаҳои дуруст муносибат кардан ба китобу китобхона, муайян кардани дархости  мақсаднокии хониш ва риояи дурусти  гигиенаи хониш ошно гарданд .

Фаъолияти соҳаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ  яке аз соҳаи иҷтимоӣ ва фарҳангие мебошад, ки вазифаи таъсис ва  ташкилу пурракунии фонд ва ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба истифодабарандагон баҳри  рушди зеҳнии аҳли ҷомеа нигаронида шудааст.  Имрӯзҳо моро мебояд дар баробари истифода аз маводи чопӣ ба нашри электронии китобҳо ба хонандагон боз  тарзи дурусти истифодаи китобро аз овони дар  муассисаҳои тахсилоти умумӣ таҳсил намуданашон ба қоидаҳои беҳдошти китобдорӣ  шинос намоем.

Техника ва технологияи ҷаҳони  муосир тақозо мекунад,  ки фаъолияти китобдорӣ ҳамчун соҳаи муҳимтарини фарҳангу маориф

дар баробари усулҳои анъанавӣ ва бо дарки фаҳмиши талаботи муосир ҳамқадами замон бошад. Омилҳои асосии рушди ҷомеа ҷаҳонишавии фазои фарҳангӣ ва иттилоотиро, ки ба пешрафти воситаҳои нави донишомӯзӣ вобаста аст, ба насли ҷавон омӯзем. Робитаҳои мукаммали таълиму тарбияи ҳама гуна муассисаҳо баҳри баланд бардоштани сатҳи дониши насли наврас, таҳлили дурусти дарки маънии матн, баланд бардоштани сатҳи дониши толибилмон ба фарҳанги омӯзиш алоқаманд мебошад.

Воқеан ҳам, китобхонаҳо ҷои дӯстдоштаи аҳли ҷомеа ва насли ҷавон гашта, фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ «Дар бораи фарҳанг» -и соли 1997 ва «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» соли 2003 ба роҳ монда, дар ташаккули зеҳнии хонандагон нақши бузургро мебозанд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» соли 2004 ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар соли 2010 баёнгари ин мақсад мебошад. Мақсади асосии вазорати Маориф ва илми ҷумҳурӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ, ин баланд бардоштани сатҳи савияи донишу маънавиёт, тарбияи ҳисси хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва зебоипарастии аҳли ҷомеа мебошад.

Фарҳанги китобдорӣ тақозо мекунад, ки мутахассиси соҳа на танҳо захираҳои маводи чопӣ, инчунин аз иттилооти электронӣ бохабар бошад, балки бо маълумотҳои рангоранг ва бо забонҳои гуногун кор карда тавонад.Тавассути истифода аз теҳнологияи нав ба хонанда маълумоти зарурииро дар муҳлати кӯтоҳ дастрас намояд. Меъёри самаранокии тахассусии китобдорро вақти иҷрои дархости хонанда муайян менамояд. Талаботи имрӯзаи касбӣ натанҳо ба донистани нақшаи таснифотӣ, балки ба маҳорату малакаи истифодаи теҳнологияи нав ва навидҳои пешқадам вобаста аст. Яке аз роҳҳои бо иттилооти навин дастрасӣ намудан, ҳамкории байни марказҳои иттилоотӣ ва пайвастан ба китобхонаҳои бузург, бе донистани забонҳо

ғайриимкон аст. Қайд намудан айни муддаост, ки иттилооти ҷаҳонӣ барои рушди фарҳанг ва пешрафти илму техника муҳим аст.

Даврони Истиқлолият боиси рушди соҳаи китобу китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Аз ҷумла, мавриди истифода қарор гирифтани бинои нави замонавии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва чандин китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар замони истиқлолият, балки дар таърихи халқу миллати тоҷик дастоварди бесобиқа маҳсуб меёбад ва аз иқдомоти созандаву бунёдкоронаи сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад.

Таҷрибаи фарҳанги китобдории ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки пешрафти рушди фикрронӣ ва фарҳангӣ аз китобхона ва тарзи дастрасии китоб аз он вобаста аст. Аз ин рӯ, фарҳанги китобдорӣ дар ҷомеа василаи асосии рушди тамаддун ва шинохти мероси илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ мебошад. Таъкид бояд кард, ки дар замони имрӯз ҳарчанд пешрафт ва тараққии расонаҳои интернет назаррасанд, вале китобхона ва фарҳанги китобдорӣ нақши асосиро мебозад. Фаъолияти китобхонаҳо дар ҳамаи кишварҳо маҳз ба хотири рушди ҳаёти фарҳангии ҷомеа амал намуда, то ба имрӯз ҳеҷ яке аз расонаҳои ҷаҳонӣ натавонистааст ҷой ва мақоми китобро бигирад.Тавре ки маълум аст, интернет дар солҳои 60-70 –уми садаи XX пайдо шудааст, аммо осори бузурги илмӣ-адабӣ аз қадим то ба имрӯз ҳам дар шакли дастхат ва ҳам дар шакли чопӣ дар китобхонаҳо нигаҳдорӣ карда мешаванд. Китобхонаро метавон ниҳоди илмӣ ва макони баргузории ҳамоишҳои илмӣ номид. Пас ин ниҳод барои донишмандон макони бисёр муқаддас маҳсуб меёбад, зеро пешравию шукуфоии истеъдодҳои ҳам донишмандон ва ҳам донишҷӯнро ба қуллаҳои баланди зеҳнию фикрӣ бурда мерасонад. Рушду нумӯи тамаддун ва фарҳанг дар ҷомеа маҳз тавассути донишандӯзӣ ва шинохти осори бузурги гузаштагон ба анҷом мерасад. Дар воқеъ ҳар ҷомеаеро аз ҷаҳлу нодонӣ танҳо китоб метавонад берун оварад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҷойгоҳи китоб ва ё китобхона дар ҷомеа барои рушди ҳаёти фарҳангӣ мақоми махсусро доро мебошад. Гуфтан ба маврид

аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар тамоми баромададдҳояшон дар самти маърифаткунонии ҷомеа ва ҳифзи фарҳанги миллӣ, пайваста нақши китоб ва китобхонаро дар рушди маънавиёту маърифати инсонӣ таъкид менамоянд. Аз ин рӯ, месазад, ки ҷомеаи имрӯзаи мо ба гуфтаҳои боло назари некандешона зоҳир намоянд ва дар ҳар як ташкилоту идораҳо ва ҳар як хонадон китобхонаҳо созмон дода шавад, то ки наслҳои имрӯзу оянда, махсусан наврасону ҷавонон ба китоб унс гиранд ва қадр кардани онро ҳамчун манбаи донишу маърифат омӯзанд. Дар ин кор падару модарон бояд намунаи ибрат бошанд ва шавқи китобхониро дар дилу шуури фарзандон бедор намоянд.

Имрӯзҳо пӯшида нест, ки китобу китобхона на танҳо дар тарбияи насли наврасу ҷавон, балки дар тарбияи хушахлоқӣ ва пешгирии онҳо аз ҳар гуна гароишу ҳаракатҳо, рафторҳои ношоиста саҳми сазовор дорад. Бо назардошти ин, кормандони китобхонаҳои ҷумҳурӣ бахри тарғибу ташвиқи ҳамаҷонибаи сиёсати бунёдкоронаву сулҳҷӯёна ва созандагии Пешвои муаззами миллат, Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, дар байни хонандагон чорабиниҳои гуногуни шавқовар гузаронида, дар тарбияи худшиносиву худогоҳии миллии хонандагон саҳми арзанда мегузоранд. Маҳз мавқеи устувории китобхонаҳо ҳамчун маркази илму маърифат мебошад, ки ҳазорон хонандагон роҳи дурустро дар зиндагӣ касб намуда, соҳибкасбу ихтисосманд гардидаанд. Имрӯз кормандони китобхонаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон аз он ифтихор доранд, ки хонандагони дирӯзаашон имрӯз сиёсатмадор, табибу, омӯзгору олим ва мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки кормандони китобхонаҳо аввалин шуда маводи дархостиро пешкаши хонандагон мегардонанд.

Боиси ифтихор аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар тамоми баромададдҳояшон дар

самти маърифатнокии аҳли ҷомеа ва ҳифзи фарҳанги миллӣ пайваста китоб ва китобхониро баҳри рушди маънавиёту маърифати инсонӣ таъкид менамоянд. Мавриди қайд аст, ки дар ҷаласаи навбатии худ президенти кишвар ба ҳар як оилаи тоҷик ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлолияти ҷумҳурӣ як асари безаволи Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»-ро ройгон тақдим карда шавад гуфтанд. Дар ин иқдом падару модарон бояд намунаи ибрат нишон дода, шавқи китобхониро дар зеҳни фарзандон бедор намоянд.

Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотии муосир тараққиёти бемайлони илму техника ва технологияи иттилоотӣ талабот нисбати соҳа ва дараҷаи фарҳангии он меафзояд. Бо назардошти воридшавии ботадриҷи кишвар ба ҷомеаи иттилоотӣ ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба тарбияи мутахассисони соҳаи китобдорӣ ва итилоотрасонӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Соҳаи китобдорӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба як қатор навовариҳо ноил гардида истодааст. Ин сабаби асосии тараққиёти босуръати инкишофи ҷомеа мебошад.Пеш аз ҳама пайдоиши назарияву амалияи илман асосноки соҳа, шабакаи интернет, сомонаҳои гуногуни иттилотӣ бо роҳу усулҳои ба худ хоси электронӣ ва ғайра аз китобдорони имрӯза донишҳои мушаххас ва фаҳмиши махсусро талаб менамояд.

**Адабиёт**

1.**Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон**: Маҷмӯаи мақолаҳо / Таҳияи Қ. Бӯрив. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – Китоби IV. – 184 с.

**С.Гулов, сармутахассиси шуъбаи илмӣ ва тадқиқотӣ**

**Китобхонаи миллӣ.**